# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа) Саид Н.С., профессор (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 - таърихи фалсафа), Самиев Б.Ҷ., профессор (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа) Худойдодзода Ф.Б. (аъзо) диссертатсияи Зикирзода Ҳобилро дар мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Кори илмии диссертатсионӣ ба таҳқиқи яке аз мавзуъҳои муҳимми таърихи фалсафа (масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ) бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия муваффақ гардидааст, ки бо далелҳои асосноки илмӣ муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намояд. Комиссия бо андешаҳои диссертант дар мавриди он, ки “Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо раванди босуръати сиёсишавии ҷомеа иртибот доранд, аҳамияти озодиро барои инсон ва хештаншиносии ӯ ба маротиб боло бардоштааст” ва “баррасӣ ва таҳлили афкори намояндагони мактабҳои ақлгарои Шарқ, алалхусус, машшоияи шарқӣ ва саъю кӯшишҳои онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба масъалаи озодӣ ва фармонбардории инсон бағоят муҳим аст”, комилан мувофиқ аст.

Далели дигари унвонҷӯ доир ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии худ, ки «Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тибқи Конститутсия ва

қонунҳои дигари он шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба моддаи аввал гузошта шудааст. Риоя намудани онҳо ба ташаккул ёфтани ризоияти шаҳрвандӣ мусоидат намуда, барои барангехтани низоъҳои қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ монеъ мешаванд. Бинобар ин, дар ҷомеаи Тоҷикистон инкишоф додани идеяи озодии инсон ҳамчун яке аз масъалаҳои ҷаҳоншумулӣ, ки асоси бунёди ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд мебошад, аҳамияти дарки фалсафии масъалаи озодӣ ва фармонбардориро дар доираи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ (дар мисоли машшоияи шарқӣ) дар шароити куллан тағйирёфтаи иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар ба миён меоварад" низ мантиқан асоснокшуда мебошад. Бо дарназардошти ин ва дигар андешаҳои дар диссертатсия овардашуда, метавон мавзуи таҳқиқотиро барои ҷомеаи муосири тоҷик актуалӣ баҳогузорӣ намуд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Сохтори диссертатсия аз ҷиҳати риояи низомнокӣ ва мантиқан ҷо ба ҷогузории бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Диссертант объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқотро дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, бо баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ кардааст. Пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои кори таҳқиқотӣ мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф, тавсияву хулосаҳои баровардаи ӯ илман асоснокшуда мебошанд. Бо дарназардошти ҳамин хусусиятгириҳо диссертатсияро кори илмии мустақилона анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвону дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Ҳ. Зикрзода истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ буда, аз риоя шудани талаботи банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Ҳ. Зикирзода маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи "Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

- Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими "Маркази синошиносӣ"-и институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ;

- Атоев Атоулло Мухторович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров.

- Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Ҳ. Зикирзода ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви вобастаи АМИТ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Саид Н.С.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Самиев Б.Ҷ.

доктори илмҳои фалсафа,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Худойдодзода Ф.Б.

29.02.2024